## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Қурбонзода Нигина Қурбон дар мавзуи «Асосҳои педагогии омодагии омӯзгорони оянда ба таълими интерактивӣ дар низоми талаботи илми педагогикаи муосир» барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.05 – Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ) пешниҳод гардидааст.**

Диссертатсияи Қурбонзода Нигина Қурбон тахти унвони "Асосҳои педагогии омодагии омӯзгорони оянда ба таълими интерактивӣ дар низоми талаботи илми педагогикаи муосир" яке аз мавзӯъҳои муҳим ва саривақтӣ дар замони муосир ба ҳисоб меравад. Тағйироти босуръати низоми таҳсилот, воридшавии технологияҳои иттилоотӣ ва равишҳои нави таълимӣ, аз ҷумла таълими интерактивӣ, омӯзгоронро водор месозад, ки малака ва донишҳои навро соҳиб шаванд. Дар ин замина, омӯзиши асосҳои педагогии омодасозии мутахассисони соҳаи маориф аҳамияти калидӣ дорад.

Муаллиф дар кори худ кӯшидааст мафҳуми "таълими интерактивӣ"-ро дар заминаи назарияҳои педагогикаи муосир таҳлил намуда, омилҳои асосии таъсиргузор ба раванди омодасозии омӯзгорониояндаро муайян намояд. Қисмҳои назариявӣ ва амалии кор бо якдигар мувофиқат доранд, ки ин ба таҳқиқот аҳамияти илмӣ ва амалӣ мебахшад.

Дар автореферати пешниҳодшуда муаллиф ба масъалаи ташаккули салоҳиятҳои педагогӣ, қобилияти истифодаи методҳои муосири таълим, ҳамчунин ба инкишофи андешаи интиқодӣ ва фарҳанги коммуникативии омӯзгорони оянда диққати махсус додааст. Ин гуна омилҳо дар шароити гузариш ба низоми таълими интерактивӣ аҳамияти калон доранд.

Ҳамзамон, дар кори мазкур зарурати мутобиқ намудани мундариҷаи барномаҳои таълимӣ бо талаботи таълими интерактивӣ, васеъ истифода бурдани технологияҳои иттилоотӣ ва рушди малакаҳои методологии донишҷӯёни ихтисоси омӯзгорӣ нишон дода шудааст. Муаллиф бар он назар

аст, ки танҳо тавассути омодагии ҳамаҷониба метавон ба сатҳи зарурии омӯзгори инноватсионӣ ноил гардид.

Аз ҷиҳати сохторӣ, таҳқиқоти мазкур бо тартиби мантиқӣ ва пайдарпай таҳия гардида, манбаъҳои илмии муосир ва маҳаллии соҳа васеъ истифода шудаанд. Забон ва услуби таҳлилӣ барои хонандагони касбӣ фаҳмо буда, далелҳо бо мисолҳои амалӣ мустаҳкам гардидаанд.

Дар маҷмӯъ, таҳқиқоти мазкур масъалаи муҳим ва ҳалли назариявию амалии онро пешниҳод менамояд. Он метавонад ҳамчун заминаи методологӣ барои таҳияи барномаҳои таълими омӯзгорони оянда истифода шавад. Кор барои муҳити илмӣ ва низоми таҳсилоти педагогии кишвар арзишманд арзёбӣ мегардад.

Муаллиф дар кори илмии худ ба мушкилоти асосии мавҷуда дар самти омодагии омӯзгорони оянда ишора мекунад. Аз ҷумла, норасоии таҷрибаи амалӣ дар истифодаи усулҳои интерактивӣ, набудани муҳити муосири таълимӣ ва паст будани сатҳи огоҳӣ нисбат ба имкониятҳои таълими интерактивӣ аз ҷумлаи монеаҳое мебошанд, ки ҳангоми омодасозии кадрҳо ба назар мерасанд. Ин мушкилот баёнгари зарурати бознигарии равандҳои таълим ва тарбияи мутахассисони соҳаи педагогика мебошанд.

Дар автореферати пешниҳодшуда муаллиф яке аз масъалаҳои асосии илми педагогӣ – омода намудани омӯзгорони оянда бо истифодаи усулҳои интерактивии таълим дар мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Пеш аз ҳама, таҳқиқот ба он нигаронида шудааст, ки омӯзиши интерактивӣ дар низоми муосири маориф мавқеи муҳимро ишғол намуда, яке аз равишҳои муассири баланд бардоштани сифати омодасозии омӯзгорон мебошад.

Дар кори илмӣ инчунин мавқеи ҳамкории байни омӯзгор ва донишҷӯ дар шароити таълими интерактивӣ таъкид шудааст. Муаллиф нишон медиҳад, ки муваффақияти таълим на танҳо ба дониши омӯзгор, балки ба тарзи муносибат, фарҳанги муошират ва қобилияти идоракунии равандҳои

таълим вобаста аст. Ин ҷанбаҳо дар равиши педагогикаи муосир ҳамчун унсурҳои калидӣ ба ҳисоб мераванд.

Ҷиҳати амалии ин таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои бадастомада ва тавсияҳои дар он зикршуда метавонанд дар такмил ва бозомӯзии омӯзгорони фанни информатика истифода шаванд. Ин модел инчунин ҳамчун воситаи самарабахши баланд бардоштани сифати омодагии омӯзгорон хизмат намуда, барои беҳтар намудани ҷараёни таълими фанҳои педагогӣ ва усулҳои таълим таъсири мусбат мерасонад.

Матни автореферат пурра ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муҳтавои он мавзуъ, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқотро дар бар гирифта, ҷанбаҳои илмӣ, амалӣ ва методологиро равшан инъикос менамояд.

Таҳқиқоти Қурбонзода Нигина Қурбон таҳти унвони «Асосҳои педагогии омодагии омӯзгорони оянда ба таълими интерактивӣ дар низоми талаботи илми педагогикаи муосир» ба шумори таҳқиқоти арзишманди илмӣ ва дорои аҳамияти амалӣ мансуб мебошад. Муаллиф ба таври мукаммал тавонистааст масъалаҳои муҳими назариявӣ ва татбиқии марбут ба омодагии омӯзгорони фанни информатикаро дар муҳити муосири рақамӣ мавриди таҳлил қарор диҳад ва барои ҳалли онҳо роҳҳои муассир пешниҳод намояд.

Модели педагогии таҳиянамудаи муаллиф, ки бар истифодаи самараноки воситаҳои интерактивии таълим асос ёфтааст, имкони боло бурдани сатҳи касбии омӯзгорониояндаи фанни информатикаро фароҳам месозад. Таҷрибаҳои амалӣ нишон додаанд, ки татбиқи ин модел дар муҳити таълимӣ натиҷаҳои мусбат ба бор овардааст ва самаранокии онро собит намудааст.

Дар раванди ҳаллу фасли вазифаҳои муайяншуда, унвонҷӯй бо истифода аз далелу маводҳои кофӣ ва равшан ҷанбаҳои муҳими мавзӯъро фаро гирифтааст. Муаллиф бо дониши васеъ ва амиқи адабиёти илмӣ таҳқиқоти худро дар робита ба татбиқи технологияҳои пешрафтаи педагогӣ бо муваффақият анҷом додааст.

Ҳамин тариқ қобили қайд аст, ки рисолаи илмии Қурбонзода Н.Қ. таҳқиқоти ба анҷомрасонида ба ҳисоб рафта, ба талаботҳои Низомномаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи он Қурбонзода Н.Қ. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.05 − Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ) бешубҳа сазовор мебошад.

Муқарриз: номзади илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи ҷомеашиносии Донишкадаи
илмҳои дақиқ ва технологияи Тоҷикистон дар
шаҳри Хуҷанд Абдусамадова Мунира Абдуғафоровна

17.09.2025с.

*Имзои Абдусамадова М.А.-ро тасдиқ мекунам:*
*Сардори шӯъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Донишкадаи илмҳои дақиқ ва технологияи Тоҷикистон дар ш.Хуҷанд Иномҷонова У.С.*

*Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Навбаҳор, микроноҳияи 34. Тел: 927804230*